**Тақризи**

**муқарризи расмӣ ба диссертатсия ва автореферати Маҳмадализода Бобоҷон Раҳмон дар мавзуи «Ҷанбаҳои педагогии ташаккули салоҳияти иттилоотӣ-маърифатии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар раванди таълими фанни таърихи халқи тоҷик» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.08 – назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04-Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ).**

Дар раванди рушди ҷомеаи муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳаи маориф давраи мураккаби ислоҳоти худро гузаронида истодааст. Вобаста ба ин, мақсади афзалиятноки ҳама гуна равандҳои трансформатсионӣ ба эътибор гирифтани ҳарчӣ бештари талаботи муҳим ва пешравии замон дар асоси ҷанбаҳои педагогии ташаккули салоҳияти иттилоотӣ-маърифатии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар раванди таълими фанни таърихи халқи тоҷик, таълиму тарбияи донишҷӯён, кушода додани маҳорату малакаи касбӣ, қобилиятҳои ҳар як шахс, муҳайё сохтани шароити созгор барои ба амал баровардани имкониятҳои таълимии донишҷӯён дар амал мебошад.

Бояд зикр кард, ки рушди минбаъда ва такмили низоми таълими муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ, омӯзиш, таҳлил ва баҳисобгирии таснифҳои фардии донишҷӯён, дар онҳо ташаккул додани сифатҳои касбӣ дар раванди фаъолияти таълимӣ бениҳоят муҳим мебошад. Дар ҳаёт амалӣ намудани масъалаи мазкур аз илмҳои педагогика ва психология тақозои онро дорад, ки ҷанбаҳои гуногуни фаъолияти инсон ва роҳҳои ташаккул ва такомули он дар раванди таълим мавриди омӯзиш, таҳлил ва таҳқиқ қарор дода шавад.

Муҳақиқ, дар раванди баён намудани мубрамияти мавзуи таҳқиқот қайд намудааст, ки масъалаи мазкур дар ҳуҷҷатҳои давлатию ҳукуматӣ низ инъикос ёфтаанд, вале нуктаи муҳим ин дар донишҷӯён ташаккул додани дониш ва маҳорату малакаи муайяни касбӣ, баровардани хулосаи мустақилона, истифода намудани онҳо дар амал, ба таври эҷодкорона ҳал кардани масъала

ва мустақилона аз худ намудани донишҳои заруrӣ ва ташкили фаъолияти андешаронии комил мебошад. Вобаста бо ин, рӯз то рӯз ҷустуҷӯи шаклҳо, роҳҳо, тарзу усул ва воситаҳои баланд бардоштани сифати таълими фанни таърихи халқи тоҷик дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар ташаккули ҳисси ифтихори миллӣ ва худшиносию худогоҳии донишҷӯён мубрамияти махсус пайдо намуда истодааст.

Дар дараҷаи омӯзиши мавзуъ таҳқиқи ҷанбаҳои педагогии масъалаи ташаккули салоҳиятҳои иттилоотӣ-маърифатии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар раванди таълими фанни таърихи халқи тоҷик аз ҷониби олимон ва муҳаққиқони тоҷик, рус ва дигар олимону пажӯҳишгарони кишварҳои Ғарб мавриди омӯзиш, таҳлил ва таҳқиқ қарор гирифтааст. Таҳқиқоти мазкур дар ҳалли амалии масъалаи ташаккул ва рушди салоҳиятнокии иттилоотӣ-маърифатии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар раванди таълими фанни таърихи халқи тоҷик нақши бениҳоят арзанда мебозад.

Муҳаққиқ, мақсади таҳқиқотро муайянкарда онро дар ба таври назариявӣ асоснок намудани махсусияти педагогии ташаккули салоҳиятнокии иттилоотӣ-маърифатии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар раванди таълими фанни таърихи тоҷик баррасӣ кардааст.

Дар қисмати муқаддимаи диссертатсия масъалаҳои мубрамият ва аҳамияти мавзуи таҳқиқот асоснок карда шуда, мақсад, вазифаҳо, объект, предмет, фарзия ва мавзуи таҳқиқот муайян ва асосҳои методологӣ, навгониҳои илмӣ ва арзиши назариявию амалӣ, маълумот дар бораи марҳалаҳову пойгоҳи таҳқиқот ва нуктаҳои муҳимми ба ҳимоя пешниҳодшаванда мавриди таҳлилу таҳқиқ қарор дода шудааст.

Ҳамин тавр, бояд зикр намуд, ки мақсад, вазифаҳо, объект, предмет ва фарзияи таҳқиқот дуруст баён гардида, ба моҳият, мафҳум ва мазмуни диссертатсия ҷавобгӯ мебошанд.

Бояд тазаккур дод, ки дар баёни қисмати назариявӣ-методологии таҳқиқот диссертант тавонистааст ҳарчи бештар ба ҳуҷҷатҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ

такя намояд. Диссертант заминаҳои эмпирикии таҳқиқотро ба таври зайл пешниҳод намудааст:

- ҳамкории бевоситаи муҳаққиқ бо объекти таҳқиқшаванда;

- таҳияи барномаи таҳқиқот;

- ташкили мушоҳида ва гузаронидани озмоиш;

- тавсиф ва натиҷагирӣ аз маълумоти таҷрибавӣ-озмоишӣ;

- ҷамъбаст ва истифода аз усулҳои эмпирикӣ-арзёбӣ, озмоиш, муқоиса, таҳлил, синтез, индуксия, дедуксия ва ғайра, ки дар асоси маводи бадастомада, ташаккул ва рушд додани далелҳои илмӣ, ки натиҷаи нишондодҳои сифатӣ, усулҳои миқдорӣ дар шакли маълумоти оморӣ ва коркарди дурусти онҳоро рӯи кор овардааст.

Методҳои таҳқиқоте, ки дар автореферат муайян гардидаанд, мавриди қабул буда, ба талаботи нави санадҳои меъёрию ҳуқуқии КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ мебошанд.

Навгониҳои илмии таҳқиқот дар диссертатсия ба таври зайл муайян карда шудаанд:

- ошкор намудани роҳҳои самараноки аз бар намудани донишҳои таърихӣ тавассути ташаккул додани тавоноии маърифатии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ;

- пайдо намудани номувофиқатӣ байни талаботи донишҷӯён ба фанни таърихи зодгоҳи худ дар мазмуни мавҷудаи таълими фанни таърихи халқи тоҷик;

- истифодаи донишҳои педагогӣ-психологӣ ва шароитҳои дидактикӣ дар инкишофи салоҳияти иттилоотӣ-маърифатии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар раванди таълими фанни таърихи халқи тоҷик;

- бо роҳи озмоиш ва мушоҳидаҳои педагогӣ ошкор намудани мавқеи технологияи муосири таълим дар инкишофи салоҳияти иттилотӣ-маърифатии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар раванди таълими фанни таърихи халқи тоҷик.

Диссертант аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқотро мавриди баррасӣ қарор дода, ба хулосае омадааст, ки натиҷаи бадастомада дар таҳқиқи методикаи фанни таълими таърихи халқи тоҷик дар ташаккули салоҳияти иттилотӣ-маърифатии донишҷӯён ҳамчун сарчашма хизмат менамояд. Диссертатсияи мазкур ҷанбаҳои педагогии ташаккули салоҳияти иттилоотӣ-маърифатии донишҷӯёнро тавассути омӯзиши фанни таърихи халқи тоҷик ҳамчун замимаи бунёдӣ-методологии ташаккули салоҳиятнокӣ, роҳу равиши вусъатбахшии салоҳияти иттилоотӣ-маърифатии донишҷӯён, чун омили боэтимоди рушди салоҳиятмандӣ дар фаъолияти касбиро дар назар дорад.

Бояд зикр намуд, ки қимати назариявии таҳқиқот ва аҳамияти амалии он хеле мувофиқ ва нишонрас баён карда шудааст. Натиҷаҳои бадастомадаи таҳқиқот ва роҳу равиши дар амал татбиқ намудани он мавриди баррасӣ қарор гирифта, таҳқиқот доираи васеи омӯзишро фаро гирифтааст. Диссертант қайд намудааст, ки дар ташаккули салоҳияти иттилоотӣ-маърифатии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ корҳои муайяни мустақилонаи аудиторӣ ва берун, азаудиторӣ, корҳои инфиродӣ (индивидалӣ) мавқеи асосиро ишғол менамоянд. Донишҷӯён ба воситаи иҷро намудани корҳои мустақилона, аз фанҳои таълимӣ, ба роҳ мондани корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, ба монанди навиштани маърӯза, реферат, корҳои курсӣ, рисолаи хатм, фаъолияти таълимиро ба таълимӣ-касбӣ табдил дода, салоҳияти иттилоотӣ-маърифатии касбии худро ташаккул медиҳанд.

Диссертант аз таҳқиқоти масъалаи мазкур натиҷагирӣ намуда, пешниҳод кардааст, ки имрӯз дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ шароити педагогиеро муҳайё сохтан зарур аст, ки донишҷӯён тавассути шиносоӣ бо саҳифаҳои таърихи халқи тоҷик ҳисси инсонгароӣ, ватандорӣ, ифтихори миллӣ, худшиносию худогоҳии миллиашон боло гирифта, салоҳияти иттилоотӣ-маърифатии касбиашон ташаккул ва такомул ёбад. Табиист, ки омӯзиши таърихи миллат, аз бар намудани он, ки давраҳои хеле мушкилу мураккаб, қаҳрамониҳою нокомиҳои таърихиро дар бар мегирад, дар

ташаккул ва рушди салоҳияти иттилоотӣ-маърифатии шахсии ҳар як донишҷӯ таъсири бевоситаи худро мерасонад.

Бояд таъкид намуд, ки таҳқиқи ҳолати ибтидоии тағйирёбандаҳои вобаста ба гурӯҳҳои назоратӣ ва озмоишӣ имкон додааст, ки мавҷуд будани асоси педагогӣ-психологиро бо мақсади ташкили таълими фанни таърихи халқи тоҷик ба донишҷӯён муайян намояд, аммо мутаассифона, ҳамзамон номутобиқатии донишҳои воқеии донишҷӯён ва маҳорату малакаи онҳоро дар шароити нав қайд менамояд.

Самаранокии амсилаи раванди таълими фанни таърихи халқи тоҷик дар асоси методикаи илмӣ-таҳқиқотӣ муайян гардид, ки андозаҳои зеринро арзёбӣ мекунад: ба самти дигар равона намудани диққат; барқарор намудани алоқаҳо дар байни объектҳо, падидаҳо, равандҳо; ба мавзуъ нигаронида шудани шавқмандии маърифатӣ; ташаккул ёфтани синдроми дастрасӣ; ташаккул ёфтани қобилияти ҳал намудани масъалаҳо; мукаммалии ба ҷои дигар гузаронидани донишҳо.

Ҳамин тариқ, кори таҷрибавӣ-озмоишии анҷомдода фарзияи пешниҳодшудаи таҳқиқотро тасдиқ менамояд, ки ба туфайли он салоҳиятнокии иттилоотӣ-маърифатии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии тавассути омӯзиши фанни таърихи халқи тоҷик ташаккул меёбад ва агар он, бо ба ҳисоб гирифтани шароитҳои ошкоршудаи дидактикӣ ба амал бароварда шавад, он гоҳ сифати таълим баланд мегардад.

Бояд зикр намуд, ки таҳқиқоти мазкур, дар роҳандозии таълими фанни таърихи халқи тоҷик, семинар ва курси махсус барои омӯзгорон оид ба мавзуи «Ҷанбаҳои педагогии ташаккули салоҳияти иттилоотӣ-маърифатии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар раванди таълими фанни таърихи халқи тоҷик» ва коркарди шаклҳо, роҳҳо ва тарзу усули таълими он мусоидат менамояд.

**Эрод ва тавсияҳо нисбат ба норасоиҳои мавҷуда.** Дар баробари ҳамаи ин муваффақиятҳо ва дастовардҳои муҳаққиқ, дар диссертатсия чанд норасоиҳо

низ ба назар мерасанд, ки ба андешаи мо, ислоҳи онҳо ба манфиати кор мебошад:

1. Агар мубрамияти салоҳияти иттилоотӣ-маърифатӣ дақиқу саҳеҳ ва назаррастар карда мешуд, ба манфиати кор мебуд.

2. Дар диссертатсия дараҷаи таҳқиқи мавзуъ пурра баён гардидааст, вале ба манфиати кор мебуд, агар дар вақти ёдовар шудан аз ҷабҳаҳои педагогии ташаккули салоҳияти иттилоотӣ-маърифатии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар раванди таълими фанни таърихи халқи тоҷик намудҳои салоҳият мушаххас муайян карда мешуд.

3. Ба манфиати кор мебуд, ки агар диссертатсия ба кушода додани таҷрибаи пешқадами баъзе омӯзгорони соҳибтаҷриба оид ба ташаккули салоҳияти иттилоотӣ-маърифатии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар раванди таълими фанни таърихи халқи тоҷикро доранд, таваҷҷуҳ зоҳир карда мешуд.

4. Дар матни диссертатсия баъзе хатогиҳои грамматикӣ ва техникӣ ба назар мерасанд, ки ислоҳи онҳо ба манфиат ва беҳтар гаштани сифати он мебошад.

**Хулоса**

Омӯзиш ва таҳлили диссертатсияи Маҳмадализода Бобоҷон Раҳмон ба мо имкон медиҳад ба чунин хулоса биёем, ки мақсад ва вазифаҳои гузошташудаи таҳқиқот ҳалли худро ёфтааст, хулосаҳо ва тавсияҳо тибқи вазифаҳои муайяншудаи таҳқиқот асоснок карда шудаанд, мундариҷаи диссертатсия аз мавқеи илмӣ ва мантиқӣ шакл гирифтаанд ва муҳаққиқ дорои қобилияти мустақилона гузаронидани таҳқиқот мебошад. Таҳқиқоти гузаронидашуда дар рушди назария ва амалияи илми педагогика метавонад саҳми муайяни худро гузорад.

Автореферат бо ду забон: тоҷикӣ ва русӣ таҳия карда шуда, мазмуну муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос менамояд.

Диссертатсияи Маҳмадализода Бобоҷон Раҳмон дар мавзуи «Ҷанбаҳои педагогии ташаккули салоҳияти иттилоотӣ-маърифатии донишҷӯёни

муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар раванди таълими фанни таърихи халқи тоҷик» таҳқиқоти мустақилонаи тахассусӣ ва дорои аҳамияти назарраси илмӣ буда, ба талаботи бандҳои 10, 11, 12, 14, 16-и «Низомномаи намунавӣ оид ба тартиб додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ»-и КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз 26 ноябри соли 2016, таҳти №505, тасдиқ гардидааст, комилан ва пурра ҷавобгӯ буда, ба ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04-Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) барои дараҷаи илмии номзадии илмҳои педагогӣ тавсия карда мешавад.

Муқарризи расмӣ:
доктори илмҳои педагогӣ, профессори
кафедраи педагогикаи Донишгоҳи давлатии
Бохтар ба номи Носири Хусрав Абдураҳимзода Қудратулло Саид

27.02.2024 сол.

Маълумот барои тамос: 735140. Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон, ш.Бохтар кӯчаи Айнӣ, 67. тел: (83222)-2-54-81; моб.: (+992) 918274643; E-mail: abdusamad06@mail.ru

Имзои Абдураҳимзода Қ.С.-ро
тасдиқ менамоям
Сардори ШК ва КМ-и ДДБ ба номи
Носири Хусрав Шукурзод Ҷ.А.

ШУЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС